Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Хоҷазода Фурқат Файзалӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ), пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2022).**

Муқаррарот оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, масоили татбиқи он ҷавҳари асосии автореферати диссертатсияи Хоҷазода Фурқат Файзалиро ташкил медиҳад. Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 31 саҳифа пешниҳод шудааст. Бояд қайд намуд, ки автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии тадқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардида, инчунин феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мавзуи диссертатсияи Хоҷазода Фурқат Файзалӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами аҳамияти назариявӣ ва амалидоштаи қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Бояд қайд кард, ки мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам ва зарурӣ буда, таваҷҷуҳи бештари мутахассисони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро талаб мекунад. Сарфи назар аз он ки мавзуи таҳқиқшаванда борҳо зери таҳқиқоти диссертатсионӣ қарор гирифтааст, аммо инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ сабабгори ба миён омадани мушкилоту ихтилофоти зиёд дар танзими ҷинояти мазкур гаштааст. Ҳамчунин, зикр намудан ба маврид аст, баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти илмӣ бо забони давлатӣ дар соҳаи илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тавр, дар автореферати диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот, объект

ва предмети мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифҳои он, асосҳои методологӣ, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, оид ба саҳми шахсии довталаб, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври зарурӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот пешбинишуда боэътимод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, бо усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии дар таҳқиқот истифодашаванда таъмин карда шудаанд. Бисёре аз муқарраротҳо, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқот баён шудаанд, навгонии илмӣ мебошанд.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ тахия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ инъикос намуда, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

Муаллифи автореферати диссертатсия дар таҳқиқоти худ таърихи пайдоиш ва ташаккули институти дахлдориро ба се давра тақсим намудааст. 1) марҳилаи интишори декретҳо, қарорҳо ва дастурамалҳо то қабули аввалин Кодекси ҷиноятии Шуравӣ (КҶ РСФСР соли 1922); 2) марҳилаи аз қабули КҶ РСФСР соли 1922 то қабули Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои шуравӣ 25 декабри соли 1958; 3) марҳилаи аз қабули Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ИҶШС ва ҷумҳуриҳои шуравӣ 25 декабри соли 1958 то қабул шудани КҶ ҶТ 21 майи соли 1998. Хуб мебуд, ки агар муаллифи автореферат таърихи ташаккули дахлдорӣ ба ҷиноятро то даврai Ҳокимияти Шӯравӣ низ мавриди таҳлил қарор медод (саҳ.10).

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳснокаанд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Хоҷазода Фурқат Файзалӣ ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дахлдорӣ ба

ҷиноят мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳовадинови АМИТ Буризода Э.Б.

Имзои Буризода Э.Б.-ро тасдиқ менамоям:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои ИФСҲ-И АМИТ Шозедов Х.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Тел. 221-56-89; 221 65-85; E-mail isalanrt@rambler.ru, buriev-68@mail.ru

«23» 02 2023 с.